# ҚОНУНИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ

(Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2009, № 7-8, мод. 503; с. 2012, № 4, мод. 277, № 8, мод. 833; с. 2015, №11, мод. 964; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017 с., №1431; аз 04.04.2019 с., № 1598)

Қонуни мазкур муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба ташкил, ваколат ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва молиявии онро муайян менамояд.

## БОБИ 1.
## МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Мафҳумҳои асосие, ки дар Қонуни мазкур истифода мешаванд:

***- шаҳрак ва деҳот*** – воҳиди ***маъмурию ҳудудӣ*** мебошад, ки дар ҳудуди он худидоракунӣ бевосита ва ё ба воситаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ мешавад; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***- худидоракунии шаҳрак ва деҳот*** - фаъолияти аҳолии шаҳрак ва деҳот мебошад, ки бевосита ё ба воситаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот таҳти масъулияти худ барои ҳал намудани масъалаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии аҳамияти маҳаллидошта, бо назардошти манфиатҳои умумиҷамъиятӣ, анъанаҳои миллӣ ва хусусиятҳои маҳаллӣ, амалӣ мегардад;

***- мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот*** – Ҷамоат (Ҷамоати шаҳрак ва Ҷамоати деҳот) мебошад, ки аз ҷониби интихобкунандагони шаҳрак ва деҳот интихоб шуда, масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллиро дар доираи **ваколатҳои** худ ҳал мекунад; **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827; (ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***- маҷлиси Ҷамоат*** – шакли асосии фаъолияти Ҷамоат буда, дар он масъалаҳои ***ваколати*** Ҷамоат баррасӣ мешаванд; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- ***Шӯрои Ҷамоат*** – мақомоти коллегиалии Ҷамоат буда, ваколатҳои пешбининамудаи Қонуни мазкурро амалӣ менамояд;

***- раиси Ҷамоат*** – роҳбари мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот буда, аз тарафи вакилони Ҷамоат интихоб мешавад;

- ***вакили Ҷамоат*** – шаҳрванде, ки бо тартиби муқарраркардаи Қонуни мазкур ба Ҷамоат интихоб шудааст;

- ***масъалаҳои дорои аҳамияти маҳаллӣ*** – масъалаҳои ҳамарӯзаи аҳолии шаҳрак ва деҳот, ки барои ҳалли онҳо Ҷамоат масъулияти пурра дошта, онҳоро дар доираи стандартҳои давлатӣ, мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва бо истифодаи маблағҳои худӣ мустақилона амалӣ менамояд;

***- ваколати вогузоршаванда*** – ваколати мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё дар асоси шартномаи тарафҳо ба ихтиёри Ҷамоат, инчунин ваколати Ҷамоат, ки дар асоси шартнома ба мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ вогузошта мешавад;

***- ваколати истисноӣ*** – ваколате, ки мутобиқи Қонуни мазкур ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тааллуқ дорад ва барои иҷрои он танҳо ин мақомот масъул мебошад.

### Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон, ***инчунин*** онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

### Моддаи 3. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

1. Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот Ҷамоат аст.
2. Ҷамоат шахси ҳуқуқӣ буда, дорои мӯҳри мудаввар мебошад, ки дар он Нишони давлатии Ҷумҳурии

Тоҷикистон ва номи пурраи Ҷамоат тасвир меёбад.

3. Танзими ҳуқуқии фаъолияти Ҷамоат мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи мақомоти давлатӣ сурат мегирад.

**Моддаи 4. Иштироки шаҳрвандон дар худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

1. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синнашон ба 18 расидааст ва дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот истиқомат мекунанд, ҳуқуқ доранд дар ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот иштирок намоянд.

2. Ҳама гуна маҳдудкунии ҳуқуқи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва молу мулк дар ташкил ва фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ба ғайр аз ҳолатҳое, ки дар Қонуни мазкур нишон дода шудаанд, манъ аст.

**Моддаи 5. Принсипҳои фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

Фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба принсипҳои зерин асос меёбад:
- қонуният ва адолати иҷтимоӣ;
- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд;
- демократия, ошкорбаёнӣ ва ба эътибор гирифтани афкори омма;
- мустақилият, худидоракунӣ ва масъулият дар ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта;
- ҳисоботдиҳанда будан дар назди аҳолӣ;
- иштироки шаҳрвандон дар худидоракунии маҳаллӣ;
- мутобиқати манфиатҳои маҳаллӣ ва умумидавлатӣ;
- коллегиалӣ будани фаъолияти Ҷамоат.

**Моддаи 6. Дастгирии давлатии мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

1. Мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар ташкил, инкишоф ва фаъолияти самараноки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот шароити зарурии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ муҳайё намуда, барои амалишавии ҳуқуқи шаҳрвандон ба худидоракунии маҳаллӣ ***мусоидат мекунанд***. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. ***Мақомоти ҳокимияти давлатӣ метавонанд*** татбиқи ваколатҳои алоҳидаи худро ба мақомоти худидоракунии *шаҳрак ва деҳот* дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо ***вогузоранд***. **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827; (ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 7. Муносибати мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ**

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот бо мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ҳамкорӣ менамояд, барои амалӣ намудани вазифаҳои онҳо мусоидат намуда, онҳоро ба қайди баҳисобгирӣ мегирад ва метавонад татбиқи ваколатҳои алоҳидаи худро дар асоси шартнома ва бо маблағгузории ин ваколатҳо ба онҳо вогузорад.

## БОБИ 2.
## ТАШКИЛ, ВАКОЛАТҲО ВА ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ

**Моддаи 8. Тартиби ташкили Ҷамоат**

1. Ҷамоат аз вакилон иборат буда, онҳо дар асоси принсипҳои умумӣ, баробар, мустақим ва бо овоздиҳии пинҳонӣ ба мӯҳлати 5 сол интихоб мешаванд.

2. Шумораи вакилони Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат муайян карда мешавад, ки онҳо аз 15 нафар кам ва аз 40 нафар зиёд буда наметавонанд. Ҳар як деҳа, новобаста аз шумораи интихобкунандагонаш, дар Ҷамоат бояд ҳадди ***ақал*** як нафар ***вакил*** дошта бошад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

3. Ҷамоат дар сурати интихоб шудани на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон салоҳиятнок мебошад.

4. Фаъолияти Ҷамоат дар рӯзи оғози маҷлиси якуми Ҷамоати нав интихобшуда қатъ мегардад.

5. Ҳангоми барҳамдиҳии воҳиди ***маъмурию ҳудудӣ*** Ҷамоат пароканда мешавад ва ваколати вакилони Ҷамоат қатъ мегардад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

6.Ҳангоми ***азнавташкилдиҳии (ҳамроҳшавии, муттаҳидшавии, табдилдиҳии, тақсимшавии ва ҷудошавии)*** воҳидҳои ***маъмурию ҳудудӣ*** вакили Ҷамоат вакили Ҷамоати азнавташкилшудае мебошад, ки ба ҳайати он аксарияти интихобкунандагони вакил дохил мешаванд ва то оғози фаъолияти Ҷамоати нав интихобшуда ваколати худро нигоҳ медорад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

7. Ҳангоми ташкили шаҳрак ё деҳоти нав масъалаи муайян намудани шумораи вакилони Ҷамоат, ташкили ҳавзаҳои интихобот, ***таъйини*** интихобот ва таъсиси комиссияи интихоботи Ҷамоат мутобиқи талаботи Қонуни мазкур аз ҷониби Маҷлиси вакилони халқи шаҳр ё ноҳияи дахлдор ҳал карда мешавад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 9. Шакли фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

1. Шакли асосии фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот маҷлиси Ҷамоат мебошад, ки соле на камтар аз чор маротиба даъват карда мешавад. Маҷлиси якуми Ҷамоати навинтихобшударо комиссияи интихоботи Ҷамоат дар муддати на дертар аз ду ҳафтаи баъди интихоби вакилони Ҷамоат даъват менамояд.

2. Маҷлиси Ҷамоат дар сурати иштироки аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Ҷамоат салоҳиятнок мебошад.

3. Маҷлиси якуми Ҷамоатро раиси комиссияи интихоботи Ҷамоат мекушояд ва то интихоб шудани раиси Ҷамоат ба он раисӣ намуда, дар овоздиҳии вакилони Ҷамоат иштирок намекунад.

4. Ҷараёни маҷлиси Ҷамоат дар шакли протокол ба расмият дароварда шуда, ба он раисикунанда имзо мегузорад.

5. Маҷлиси Ҷамоат ошкоро гузаронида шуда, дар он намояндагони ташкилотҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳизбҳои сиёсӣ, воситаҳои ахбори омма ва шаҳрвандоне, ки дар ҳудуди шаҳрак ва деҳоти дахлдор зиндагӣ мекунанд, бо мувофиқаи раиси Ҷамоат метавонанд иштирок намоянд.

6. Тартиби фаъолияти Ҷамоат ва мақомоти дигари онро дастури Ҷамоат, ки аз тарафи Ҷамоат қабул мегардад, муайян мекунад.

**(ҚҶТ аз 23.11.15 с., №1243)**

***Моддаи 9 [1]. Санадҳои Ҷамоат***

*1. Ҷамоат дар доираи ваколати худ қарор қабул мекунад.*

*2. Қарорҳои Ҷамоат, ки дорои хусусияти умумиҳатмӣ мебошанд, бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон барои санҷиш ва бақайдгирии давлатӣ фиристода мешаванд.*

*3. Тартиби интишори расмӣ ва мавриди амал қарор додани санадҳои Ҷамоатро Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар менамояд.*

*4. Қарорҳои Ҷамоат дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот амал намуда, иҷрои онҳо барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ҳатмӣ мебошад.*

**(ҚҶТ аз 23.11.15 с., №1243)**

**Моддаи 10. Ваколатҳо Ҷамоат дар соҳаи ташкили фаъолияти он**

Ҷамоат дар соҳаи ташкили фаъолияти ***худ*** ваколатҳои зерин дорад: **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- интихоб ва озод намудани раиси Ҷамоат, муовини ӯ (муовинони ӯ) ва котиби Ҷамоат;
- таъсиси комиссияҳои Ҷамоат;
- қабули дастури Ҷамоат;
- қабули буҷети шаҳрак ва деҳот, ҳангоми зарурат ворид намудани тағйиру иловаҳо ба он, назорати иҷро ва тасдиқи ҳисоботи иҷрои буҷет;
- ***таъйин*** ва гузаронидани овоздиҳии аҳолии шаҳрак ва деҳот оид ба масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**
- ирсоли пешниҳод оид ба тағйири воҳидҳои ***маъмурию ҳудудӣ***, номгузорӣ, иваз кардани номи деҳаю кӯчаҳо, майдону дигар объектҳо бо тартиби муайяннамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**
- ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии шаҳраку деҳоти дигар ва таъсиси ассотсиатсияҳо бо онҳо;

- шунидани ҳисоботи раиси Ҷамоат;

- шунидани гузориши роҳбарони *ташкилотҳо*, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ ва дигар шахсони ҳуқуқии дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот воқеъбуда оид ба масъалаҳои ***ваколатҳои*** Ҷамоат; **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827; (ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- тасдиқ ё бекор кардани қарорҳои ***Шӯрои*** Ҷамоат ва қарорҳои раиси Ҷамоат; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- ҳалли дигар масъалаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ кардаанд.

**Моддаи 11. Ваколатҳои Ҷамоат дар соҳаи иқтисод ва молия**

Ҷамоат дар соҳаи иқтисод ва молия ваколатҳои зерин дорад:

- таҳия ва тасдиқи барномаҳои рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрак ва деҳот;

***- тартиб додан ва пешбурди китобҳои хоҷагидорӣ;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- тасдиқи сохтор, сметаи хароҷот ва ҷадвали воҳидҳои кории Ҷамоат бо пешниҳоди ***Шӯрои*** Ҷамоат ва дар доираи меъёри муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудани он; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- назорати истифода ва ҳифзи заминҳои наздиҳавлигӣ ва заминҳои хоҷагиҳои иловагии ёрирасони шахсӣ;

- мутобиқи қонунгузорӣ таъсис додани **корхонаҳои коммуналӣ ва дигар корхонаҳо**, кооперативҳо, устохонаҳо, сеххои ҳунарҳои халқӣ ва дигар ташкилотҳо; **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827)**

- дастгирӣ намудани ташаббусҳо оид ба рушди иқтисодию иҷтимоии шаҳрак ва деҳот;

- ҳалли дигар масъалаҳо мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон*;*

***-назорати истифода ва ҳифзи заминҳои ҳудуди шаҳрак ва деҳот;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***- идоракунии молу мулки шаҳрак ва деҳот;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***- назорати иҷрои буҷети Ҷамоат.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 12. Ваколатҳои Ҷамоат дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа**

Ҷамоат дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа салоҳиятҳои зерин дорад:

- ташкили таъмини иҷрои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи салоҳияти Ҷамоат;

- ҷалби аҳолӣ барои гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи гражданӣ ва бартараф намудани оқибатҳои офатҳои табиӣ;

- андешидани тадбирҳо дар доираи салоҳияти Ҷамоат оид ба таъмини тартиботи ***ҷамъиятӣ дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот*** ва пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 13. Салоҳияти Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва ҳалли масъалаҳои муҳити зист**

***Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва ҳифзи муҳити зист ваколатҳои зерин дорад:*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- иштирок дар таҳия ва амалӣ намудани барномаи мусоидат ба шуғли аҳолӣ ва андешидани чораҳо оид ба танзими раванди муҳоҷират; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- назорати танзими анъана ва ҷашну маросимҳо;

- андешидани чораҳо оид ба беҳбудии шароити манзилию маишии аҳолӣ, ҳифзи саломатӣ**,** муҳофизати муҳити зист;

- ҳалли масъалаҳои аҳамияти маҳаллидошта (нигоҳдорӣ ва ободонии роҳҳо, кӯчаҳо, майдонҳо, муассисаҳои фарҳангӣ, ***манбаъҳо ва шабакаҳои*** обтаъминкунӣ, **бозорҳои маҳаллӣ**, инчунин нигоҳдории қабристонҳо ва таъмини тозагии маҳал аз партовҳо) ва тасдиқи қоидаҳо оид ба амалӣ намудани онҳо. **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827; (ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 14. Ваколатҳои алоҳидаи вогузоршавандаи давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

1. Ба ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ, ки ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузошта мешаванд, инҳо метавонанд дохил шаванд:

- мусоидат дар мустаҳкам намудани қонуният ва тартиботи ҷамъиятӣ;

- назорати иҷрои қоидаҳои низоми шиносномавӣ ва мутобиқи тартиби муқарраргардида бақайдгирӣ ва

азқайдбарории шаҳрвандон;

- баҳисобгирии оилаҳои камбизоат ва ташкили дастгирии иҷтимоии онҳо;

- сабти асноди ҳолати шаҳрвандӣ мутобиқи қонунгузорӣ;

- анҷом додани амалиёти алоҳидаи нотариалӣ мутобиқи меъёрҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ»;

- ба шаҳрвандон додани ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҷои зист, вазъи оилавӣ ва ҳолатҳои дигар;

- мусоидат дар ташкили даъват ба хизмати ҳарбӣ ва дигар чорабиниҳои ҳарбӣ;

- таъмини чораҳои зарурӣ барои ҳифзи зироатҳои кишоварзӣ, пешгирии касалиҳои ҳайвонот, муҳофизати ҷангал ва буттазорҳо;

- таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба муҳофизати муҳити зист;

- мусоидат ба ҷамъоварии андоз ва дигар пардохтҳо;

- мусоидат ба таъмини ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон;

- дигар ваколатҳое, ки мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузошта шудаанд.

2. Вогузории ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ ба мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар асоси санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва шартномаи тарафҳо бо маблағгузории ин ваколатҳо сурат мегирад. ***Иҷрои босифати шартнома ваколат ва масъулияти тарафҳо мебошад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 15. Вакили Ҷамоат ва ҳуқуқу вазифаҳои он**

1. Вакили Ҷамоат намояндаи халқ буда, ҳуқуқ дорад фикри худро озодона баён кунад, мувофиқи иродаи худ овоз диҳад, манфиати интихобкунандагонро ҳимоя намояд.

2. Вакили Ҷамоат вазифадор аст дар маҷлиси Ҷамоат иштирок намуда, барои иҷрои қарорҳои Ҷамоат мусоидат кунад, мунтазам ба интихобкунандагон аз фаъолияти худ ҳисобот диҳад.

3. Вакили Ҷамоат фаъолияти хизматиашро (кориашро) қатъ накарда, ваколати худро амалӣ мегардонад. Ӯ ҳангоми иштирок дар маҷлисҳои Ҷамоат ва мақомоти он аз иҷрои вазифаҳои хизматӣ (корӣ) **бо нигоҳ доштани музди меҳнат** озод карда мешавад.

4. Ваколати вакили Ҷамоат дар ҳолатҳои зерин пеш аз мӯҳлат қатъ мегардад:

- дар асоси аризаи ӯ;

- ***эътибори қонунӣ пайдо кардани*** ҳалномаи суд дар хусуси ғайри қобили амал донистани ӯ; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***- қатъи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- пеш аз мӯҳлат пароканда шудани Ҷамоат;

- бе сабаби узрнок се маротиба пай дар пай иштирок накардан дар маҷлиси Ҷамоат;

- ҳангоми вафот;

- дигар намудани ҷои зисти ***доимӣ*** берун аз ҳудуди ***шаҳрак ва деҳот***. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

*5. Масъалаи пеш аз мухлат катъ намудани ваколати вакили Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат баррасӣ гардида, он бо* ***қарори Ҷамоат*** *бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилони Ҷамоат қабул карда мешавад.* **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827; (ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 16. Шӯрои Ҷамоат**

1. Шӯрои Ҷамоат мақомоти коллегиалии Ҷамоат буда, дар ҳайати 7 - 11 нафар ташкил карда мешавад.

2. Ба ҳайати ***Шӯрои*** Ҷамоат раиси Ҷамоат, муовини ӯ (муовинони ӯ), котиби Ҷамоат дохил мешаванд. Маҷлиси Ҷамоат ба ҳайати ***Шӯрои*** Ҷамоат дигар вакилонро низ интихоб карда метавонад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

3. Шӯрои Ҷамоат ҳар моҳ на камтар аз як маротиба даъват карда мешавад.

**Моддаи 17. Ваколатҳои *Шӯрои* Ҷамоат**

(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)

1. Шӯрои Ҷамоат:

- маҷлиси Ҷамоатро даъват мекунад ва рӯзномаи онро тартиб медиҳад;

- фаъолияти комиссияҳои Ҷамоатро ҳамоҳанг месозад ва барои самаранокии кори онҳо мусоидат менамояд;

- барои ба вазифа ***таъйин*** ва аз вазифа озод намудани роҳбарони корхонаю ташкилотҳои мансуби

моликияти коммуналии шаҳр ё ноҳия, ки дар ҳудуди Ҷамоат ҷойгиранд, розигӣ медиҳад; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- роҳбарони корхонаю ташкилотҳоеро, ки аз буҷети Ҷамоат маблағгузорӣ карда мешаванд ё Ҷамоат онҳоро таъсис додааст, бо пешниҳоди раиси Ҷамоат ба вазифа ***таъйин*** ва аз вазифа озод мекунад ва барои тасдиқ ба маҷлиси Ҷамоат пешниҳод мекунад; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- назорати иҷрои қарорҳои Ҷамоатро ташкил мекунад;

- ба баррасии роҳбарони мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ оид ба шахсони мансабдори онҳо ва дигар ташкилотҳо, ки дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот фаъолият менамоянд, дар сурати аз ҷониби онҳо иҷро накардани талаботи қонунҳо, санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии **шаҳрак ва деҳот** пешниҳод ирсол менамояд;

2. Шӯрои Ҷамоат оид ба масъалаҳои салоҳияти худ қарор қабул мекунад, ки ба он раиси Ҷамоат имзо мегузорад.

### Моддаи 18. Комиссияҳои Ҷамоат

1. **Ҷамоат** бо мақсади баррасии пешакӣ ва тайёр намудани масъалаҳо, инчунин назорати иҷрои қарорҳои Ҷамоат, ***Шӯрои*** Ҷамоат ва мақомоти ҳокимияти давлатӣ аз ҳайати вакилони Ҷамоат комиссияҳо таъсис медиҳад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. Тартиби интихоб ва фаъолияти комиссияҳоро дастури Ҷамоат муайян мекунад.

### Моддаи 19. Тартиби интихоб ва озод намудани раис, муовини (муовинони) раис ва котиби Ҷамоат

1. Раиси Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат аз ҳайати вакилони он бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилони Ҷамоат ба вазифа интихоб ва аз вазифа озод карда мешавад.

2. Номзадии раиси Ҷамоатро раиси шаҳр, ноҳия пешниҳод менамояд.

3. Муовини (муовинони) раис ва котиби Ҷамоат аз ҳайати вакилони Ҷамоат бо пешниҳоди раиси Ҷамоат дар маҷлиси Ҷамоат бо тарафдории аксарияти шумораи умумии вакилони Ҷамоат ба вазифа интихоб ва аз вазифа озод карда мешавад.

4. Номзадии раис, муовини ӯ (муовинони ӯ) ва котиби Ҷамоат бояд ба талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» мувофиқат намояд.

5. Раис, муовини ӯ (муовинони ӯ) ва котиби Ҷамоат дар мавридҳои зерин пеш аз мӯҳлат аз вазифа озод карда мешаванд:

- дар асоси ***аризаи шахсӣ***; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- ***эътибори қонунӣ пайдо кардани*** даромадани ҳалномаи суд дар хусуси ғайри қобили амал донистани ӯ; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***- эътибори қонунӣ пайдо кардани ҳукми айбдоркунандаи суд;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- мунтазам иҷро накардани ӯҳдадориҳои хизматӣ;

***- қатъи шаҳрвандии Ҷумҳурии Тоҷикистон ё соҳиб шудан ба шаҳрвандии давлати дигар;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- дигар асосҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

***- изҳори нобоварӣ намудани аз се ду ҳиссаи вакилони Ҷамоат;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

### Моддаи 20. Ваколатҳои раиси Ҷамоат

Раиси Ҷамоат:

- иҷрои талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва Ҷамоатро таъмин мекунад; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***- тартиби манфиатҳои давлатӣ ва муқаддасоти миллиро дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот амалӣ менамояд;*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- ба фаъолияти Ҷамоат роҳбарӣ ва дар ҷаласаи ***Шӯрои*** Ҷамоат раисӣ мекунад ва ба санадҳои онҳо имзо мегузорад;

- Ҷамоатро дар муносибат бо мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ намояндагӣ мекунад;

- ***шахси воқеӣ ва намояндаи шахси ҳуқуқиро*** қабул мекунад, муроҷиати онҳоро баррасӣ менамояд, доир ба ҳалли онҳо дар доираи салоҳияти худ чораҳои дахлдор меандешад; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- кормандони Ҷамоатро*тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон* ба кор қабул ва аз кор озод менамояд; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- соле на камтар аз як маротиба аз фаъолияти худ ба Ҷамоат ҳисобот медиҳад.

**Моддаи 21. Ваколатҳои раиси Ҷамоат дар соҳаи иқтисод, буҷет ва молия**

Дар соҳаи иқтисод, буҷет ва молия раиси Ҷамоат:

- лоиҳаи буҷети шаҳрак ва деҳотро дар мувофиқа бо мақомоти молияи ноҳия, шаҳр таҳия намуда, барои қабул пешниҳод менамояд ва оид ба иҷрои он ҳисобот медиҳад;

- ҷалби сармоягузориро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил мекунад;

- сари вақт аз аҳолӣ ҷамъоварӣ намудани маблағҳои андоз, суғурта ва дигар пардохтҳоро ташкил мекунад;

- баҳисобгирии соҳибкорони инфиродӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ширкатҳои хоҷагидорӣ, кооперативҳои истеҳсолӣ ва дигар ташкилотҳоро ба роҳ мемонад;

- баҳисобгирии аҳолӣ, саршумори чорвои аҳолӣ ва дигар ҳисоботи муқарраршудаи омориро ташкил мекунад.

- *корхонаҳои коммуналӣ ва дигар корхонаҳо*, кооперативҳо, устохонаҳо, сехҳои ҳунарҳои халқӣ ва дигар ташкилотҳоро мутобиқи қонунгузорӣ метавонад таъсис диҳад.

**Моддаи 22. Ваколатҳои раиси Ҷамоат дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа**

Дар соҳаи қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ ва мудофиа раиси Ҷамоат:

- сабти асноди ҳолати шаҳрвандиро мутобиқи қонунгузорӣ ташкил мекунад;

- амалиёти алоҳидаи нотариалиро тибқи меъёрҳои пешбининамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи нотариати давлатӣ» таъмин менамояд;

- ҳуҷҷатҳои тасдиққунандаи ҷои зист, вазъи оилавӣ ва дигар ҳолатҳоро ба шаҳрвандон медиҳад;

- оид ба ҳифзи молу мулки бесоҳиб, ки ба ихтиёри давлат мегузарад, тадбирҳо меандешад;

- оид ба таъмини тартиботи ҷамъиятӣ дар ***ҳудуди шаҳрак ва деҳот***, бақайдгирӣ ва азқайдбарории шаҳрвандон, пешгирии ҳолатҳои ҳуқуқвайронкунӣ дар доираи ***ваколатҳои*** Ҷамоат тадбирҳо меандешад; **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

- ба ташкил ва гузаронидани тадбирҳои оммавию сиёсӣ, маънавию маърифатӣ роҳбарӣ намуда, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин самт мусоидат мекунад;

- ба даъвати ӯҳдадорони ҳарбӣ ва даъватшавандагон мусоидат менамояд, аҳолиро барои гузаронидани чорабиниҳои мудофиаи граждании ва ҳолатҳои фавқуллода ҷалб мекунад.

**Моддаи 23. Ваколатҳои раиси Ҷамоат дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва муҳити зист**

Дар соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ ва муҳити зист раиси Ҷамоат:

- баҳисобгирии оилаҳои камбизоат ва дастгирии иҷтимоии онҳоро ташкил менамояд;

- оид ба беҳтар намудани шароити моддию маишии маъюбон, оилаҳои камбизоат ва шахсоне, ки аз офатҳои табиӣ зарар дидаанд, мусоидат менамояд;

- дар бобати беҳбудии шароити манзилию маишии аҳолӣ, ҳифзи муҳити зист чораҳо меандешад;

- ободонии майдону гулгаштҳо ва қабристонҳоро ташкил мекунад;

- аҳолӣ, ташкилотҳои ҳудуди шаҳрак ва деҳотро дар ободонӣ ва сабзу хуррамгардонӣ ҷалб менамояд;

- назорати вазъи санитарии маҳалҳо, манбаъҳои обтаъминкунӣ, муассисаҳои таълимию фарҳангӣ, тандурустӣ ва дигар иншоотҳо, инчунин риояи қоидаҳои байториро ташкил менамояд;

- назорати истифода ва ҳифзи замини ҳудуди шаҳрак ва деҳотро мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташкил мекунад ва масъалаҳои вобаста ба заминро ба муҳокимаи Ҷамоат пешниҳод менамояд;

- фаъолияти комиссияро оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» назорат мекунад ва барои фаъолияти мунтазами комиссияи мазкур дар шаҳрак ва деҳот шароит муҳаё менамояд.

**Моддаи 24. Дастгоҳи Ҷамоат**

1. Ҷамоат дорои дастгоҳ мебошад, ки он аз тарафи раиси Ҷамоат ташкил ва роҳбарӣ карда мешавад.

2. ***Сохтор, шумораи кормандон ва низомномаи дастгоҳи Ҷамоат тибқи талаботи санадҳои меъёрии***

*ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи маҷлиси Ҷамоат бо пешниҳоди раиси Ҷамоат тасдиқ карда мешаванд.* **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

*3. Низомномаи намунавии дастгоҳи Ҷамоат аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда мешавад* **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1598)**.

4. Маблағгузории дастгоҳи Ҷамоат дар доираи буҷети пешбинишудаи шаҳрак ва деҳот сурат мегирад **(ҚҶТ аз 04.04.2019 с., № 1598)**.

## БОБИ 3.
## АСОСҲОИ ИҚТИСОДӢ ВА МОЛИЯВИИ ФАЪОЛИЯТИ МАҚОМОТИ ХУДИДОРАКУНИИ ШАҲРАК ВА ДЕҲОТ

### Моддаи 25. Асосҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот

*1.* Асосҳои иқтисодии фаъолияти мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро молу мулки шаҳрак ва деҳот ва дигар молу мулке, ки ба он барои истифодабарӣ дода шудааст, ташкил медиҳанд. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***2. Вазъи ҳуқуқии молу мулки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян ва танзим карда мешавад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

### Моддаи 26. Манбаҳои молиявии шаҳрак ва деҳот

1. Манбаҳои молиявии шаҳрак ва деҳот аз инҳо иборатанд:

- маблағҳои буҷети шаҳрак ва деҳот;
- маблағҳои мақсаднок аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар шакли кӯмаки молиявии беподош (дотатсия);
- мусоидати молиявӣ (субвенсия);
- маблағҳои хайрия;
- даромад аз хизматрасонии пулакӣ мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;
- даромад аз иҷрои ваколатҳои алоҳидаи вогузоршудаи давлатие, ки мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот анҷом медиҳад;
- даромад аз молу мулки шаҳрак ва деҳот;
- даромад аз грантҳо ва сармоягузориҳо;
- дигар манбаҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардаа**ст**.

*2. Манбаъҳои молиявии шаҳрак ва деҳот тибқи талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил карда мешаванд.* **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827)**

### *Моддаи 27. Буҷети шаҳрак ва деҳот*
(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)

***1. Лоиҳаи буҷети шаҳрак ва деҳот аз рӯи манбаъҳои даромад ва самтҳои хароҷот бо тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия гардида, аз ҷониби Ҷамоат баррасӣ ва дар шакли қарор қабул карда мешавад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***2. Қисми даромади буҷети шаҳрак ва деҳот аз ҳисоби даромадҳои андозӣ ва ғайриандозӣ ташаккул дода мешавад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***3. Ба даромади буҷети шаҳрак ва деҳот маблағҳо аз ҳисоби андозҳо аз молу мулки ғайриманқули шахсони воқеӣ дохил мешаванд.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***4. Даромадҳои ғайриандозӣ аз мусоидати молиявӣ (субвенсия), пардохтҳои ихтиёрӣ, даромадҳои хизматрасонии пулакӣ ва даромадҳо аз ҳисоби амалисозии ваколатҳои алоҳидаи давлатӣ, ки ба зиммаи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вогузор шудаанд, инчунин аз дигар манбаъҳое, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ манъ накардаанд, иборат мебошанд.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***5. Хароҷоти буҷети шаҳрак ва деҳот бо мақсади рушди вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии шаҳрак ва деҳот аз ҷониби Ҷамоат амалӣ карда мешавад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***6. Ба буҷети шаҳрак ва деҳот бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҷамоат тағйиру иловаҳо ворид карда мешаванд.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

## БОБИ 4.
## ИНТИХОБОТИ ВАКИЛОНИ ҶАМОАТ

**Моддаи 28. Ҳуқуқи умумӣ, баробар ва бевоситаи интихобот**

1. Интихоботи вакилон ба Ҷамоат умумӣ аст. ***Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон қатъи назар аз миллат, нажод, ҷинс, забон, эътиқоди динӣ, мавқеи сиёсӣ, вазъи иҷтимоӣ, таҳсилот ва молу мулк аз синни 18 ҳуқуқи интихоб кардан ва аз синни 20 ҳуқуқи интихоб шудан ба Ҷамоатро доранд.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. Интихобкунандагон дар асоси баробар дар интихобот иштирок мекунанд ва ҳар кадоми онҳо як овоз доранд.

3. Вакилони Ҷамоат аз тарафи шаҳрвандон бевосита интихоб карда мешаванд.

4. Овоздиҳӣ дар интихоботи вакилони Ҷамоат озод ва пинҳонӣ сурат мегирад.

**Моддаи 29. Ошкорбаёнӣ ҳангоми тайёрӣ ва гузаронидани интихобот**

1. Тайёрӣ ва гузаронидани интихоботи Ҷамоат аз тарафи комиссияи интихоботи Ҷамоат ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботи вакилони Ҷамоат ошкоро сурат мегирад.

2. Комиссияи интихоботи Ҷамоат ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботи вакилони Ҷамоат ба шаҳрвандон аз фаъолияти худ хабар медиҳанд ва ҷамъбасти интихоботро эълон мекунанд.

**Моддаи 30. *Таъйини* интихоботи Ҷамоат**
(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)

1. Интихоботи вакилони Ҷамоат на дертар аз 40 рӯзи ба охир расидани мӯҳлати ваколати вакилони Ҷамоати даъвати амалкунанда бо қарори Ҷамоат ***таъйин*** карда мешавад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. Маблағгузории интихоботи Ҷамоат аз ҳисоби буҷети Ҷамоат сурат мегирад.

**Моддаи 31. Ташкили ҳавзаҳои *интихоботи Ҷамоат***
(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)

1. Барои интихоботи вакилони Ҷамоат на кам аз 15 ва на зиёда аз 40 ҳавзаи интихобот ташкил карда мешавад.

2. Шумораи ҳавзаҳои интихоботро Ҷамоат муқаррар менамояд.

3. Аз ҳар ҳавзаи интихобот як вакили Ҷамоат интихоб карда мешавад.

**Моддаи 32. Ташкили комиссияи *интихоботи Ҷамоат***
(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)

1. Барои ташкил ва гузаронидани интихоботи Ҷамоат комиссияи интихоботи Ҷамоат аз тарафи Ҷамоат таъсис дода мешавад.

2. Комиссияи интихоботи Ҷамоат на дертар аз панҷ рӯзи баъди ***таъйин*** гардидани интихобот дар ҳайати 7-13 нафар ташкил карда мешавад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

3. Комиссияи интихоботи Ҷамоат дар ҳайати раис, муовини раис, котиби Комиссия ва аъзои он интихоб карда мешавад.

**Моддаи 33. Ваколатҳои комиссияи интихоботи Ҷамоат**

1. Комиссияи интихоботи Ҷамоат дорои ваколатҳои зерин мебошад:

- иҷрои Қонуни мазкурро дар бахши интихобот назорат менамояд, татбиқи якхелаи онро таъмин мекунад;
- ҳавзаҳои интихоботиро бо назардошти шумораи интихобкунандагон дар ҳудуди шаҳрак ва деҳот мутобиқи талаботи Қонуни мазкур ташкил мекунад ва ба онҳо ному рақам мегузорад;
- *комиссияҳои ҳавзавии интихоботро ташкил мекунад;* (**ҚҶТ аз 16.04.12с., №827)**
- бюллетени намунааш муқарраршудаи интихоботро тасдиқ мекунад ва комиссияҳои ҳавзавии интихоботро бо бюллетенҳои интихобот таъмин менамояд;
- масъалаҳои таъминоти моддию техникии интихоботро ҳал менамояд;
- вакилони интихобшударо ба қайд мегирад, натиҷаи интихоботи Ҷамоатро ҷамъбаст мекунад, оид ба ҷамъбасти интихобот ба аҳолӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ хабар медиҳад;
- овоздиҳӣ ва интихоботи такрорӣ, ҳамчунин интихоботи вакилро ба ҷои вакили хориҷшуда мутобиқи

талаботи Қонуни мазкур ташкил мекунад;

- ҳуҷҷатҳои вобаста ба гузаронидан ва ташкили интихоботро ба бойгонӣ месупорад;
- арзу шикоятҳоро доир ба масъалаҳои тайёрӣ ва гузаронидани интихобот баррасӣ карда, оид ба онҳо қарор қабул мекунад;
- мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ **ваколатҳои** дигарро вобаста ба интихобот анҷом медиҳад.

2. Комиссияи интихоботи Ҷамоат дар доираи **ваколатҳои** худ қарор қабул мекунад.

**Моддаи 34. Комиссияи ҳавзавии *интихобот***
(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)

1. Комиссияи ҳавзавии интихоботро комиссияи интихоботи Ҷамоат на дертар аз 10 рӯзи баъди ***таъйини*** интихоботи Ҷамоат дар ҳайати 5-11 нафар ташкил намуда, аз ҷумла раис, муовини раис, котиби комиссияро интихоб мекунад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. Комиссияи ҳавзавии интихобот рӯйхати интихобкунандагонро тартиб медиҳад; интихобкунандагонро ба рӯйхати интихобкунандагони ҳавзаи интихоботӣ шинос менамояд; номзадҳоро ба қайд мегирад; аҳолиро дар бораи маҳалли ҷойгиршавии комиссияи ҳавзавии интихобот, вақти кори он, инчунин рӯзи интихобот, ҷойи овоздиҳӣ хабардор мекунад; бинои овоздиҳӣ, қуттиҳои овоздиҳӣ ва дигар таҷҳизоти интихоботро тайёр мекунад; овоздиҳиро дар рӯзи интихобот ташкил мекунад; овозҳои интихобкунандагонро дар ҳавзаҳои интихобот ҳисоб менамояд.

***3. Комиссияи ҳавзавии интихобот дар доираи ваколатҳои худ қарор қабул мекунад, ки он дар шакли протокол ба расмият дароварда мешавад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 35. Тартиби пешбарии номзадҳо ба вакили Ҷамоат**

1. Номзадҳо ба вакили Ҷамоат ба таври худпешбарӣ, бо ҷамъ намудани имзоҳои на камтар аз 5 фоизи интихобкунандагони ҳавзаи дахлдор ***бо пешниҳоди ариза ба комиссияи ҳавзавии интихобот*** сурат мегирад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. Пешбарии номзадҳо 25 рӯз пеш аз интихобот ***огоз*** шуда, 15 рӯз пеш **аз** рӯзи овоздиҳӣ ба охир мерасад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 36. Талабот нисбати номзадҳо ба вакили Ҷамоат**

1. Ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки синни ӯ аз ***20*** кам набошад ва дар ҳудуди шаҳрак ва деҳоти дахлдор на камтар аз 3 соли охир истиқомат дошта бошад *ва забони давлатиро донад*, метавонад номзад ба вакили Ҷамоат пешбарӣ шавад. **(ҚҶТ аз 01.08.12с., №8994 (ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. Ходимони касбии ташкилотҳо ва иттиҳодияҳои динӣ, хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ, дигар қӯшуну сохторҳои ҳарбӣ, судяҳо, прокурорҳо, шахсони ҳайати қаторӣ ва роҳбарикунандаи мақомоти корҳои дохилӣ, мақомоти гумрук, кормандони ҳифзи ҳуқуқи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия ва Агентии назорати маводи нашъаовари назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳолати аз вазифа ба истеъфо рафтанашон метавонанд номзад ба вакили Ҷамоат пешбарӣ шаванд.

3. Шаҳрвандони зерин ҳуқуқи ба вакили Ҷамоат номзад шуданро надоранд:

- мутобиқи ҳалномаи суд ғайриқобили амал дониста шудаанд;
- дар асоси ҳукми суд дар ҷойҳои маҳрумӣ аз озодӣ мебошанд;
- бо қарори суд дар муассисаҳои табобатӣ маҷбурӣ қарор доранд;
- ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнини қасдона содир кардаанд (қатъи назар аз гузаштани мӯҳлат ва бардошта шудани доғи судӣ);
- барои содир кардани ҷиноятҳои вазнин ва махсусан вазнин айбдор шудаанд ё дар кофтуков мебошанд.

*4. Номзад ба вакили Ҷамоат узви комиссияи интихоботӣ Ҷамоат, инчунин комиссияи ҳавзавии интихобот, ки овоздиҳиро дар ҳавзаи дахлдори интихобот ташкил мекунад, буда наметавонад. Шахсе, ки номзадиаш ба вакили пешбарӣ шудааст ва узви яке аз ин комиссияҳо мебошад, аз вақти ҳамчун номзад ба вакилӣ ба қайд ирифта шуданаш аз узвияти хамин комиссия озод карда мешавад.* **( ҚҶТ аз 16.04.12с., №827)**

**Моддаи 37. Бақайдгирии номзадҳо**

1. Барои бақайдгирии номзадҳо ба комиссияи ҳавзавии интихобот аризаи номзад ба вакилӣ ва рӯйхати имзоҳои интихобкунандагон пешниҳод карда мешаванд. Комиссия ҳуҷҷатҳои пешниҳодшударо дар мӯҳлати 5 рӯз санҷида, дар бораи ба қайд гирифтани номзад ва ё рад намудани бақайдгирии номзад қарор қабул

мекунад.

2. Номзад ба вакилӣ метавонад оид ба қарори комиссияи ҳавзавии интихобот дар бораи рад намудани бақайдгирии номзадии ӯ ба комиссияи интихоботи Ҷамоат ё суд шикоят кунад.

3. Бақайдгирии номзадҳо *15 рӯз пеш аз рӯзи, овоздиҳӣ огоз гардида, 5 рӯз қабл аз он* ба охир мерасад. **( ҚҶТ аз 16.04.12с., №827)**

**Моддаи 38. Ташвиқоти пешазинтихоботӣ**

1. Номзадҳо ба вакили Ҷамоат баъд аз бақайдгирӣ ҳуқуқи ташвиқот бурданро доранд. Ташвиқот дар рӯзи овоздиҳӣ манъ аст.

2. Комиссияи ҳавзавии интихобот барои бурдани ташвиқоти пешазинтихоботии номзад мусоидат менамояд.

3. Дар вақти бурдани ташвиқот истифодаи методҳои маҷбуркунии рӯҳӣ, ҷисмонӣ, динӣ, сӯистифодаи озодии воситаи ахбори омма, ташвиқоте, ки ҳисси бадбинӣ ва хусумати иҷтимоӣ, нажодӣ, миллиро бедор мекунад, ба ғасби ҳокимият, зӯран тағйир додани сохти конститутсионӣ, вайронкунии тамомияти давлат даъват менамояд, ташвиқоти ҷанг ва дигар шаклҳои сӯистифодаи озодии воситаи ахбори омма, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ кардааст, иҷозат дода намешавад.

**Моддаи 39. Вақт ва ҷои овоздиҳӣ**

1. Интихоботи вакилони Ҷамоат дар рӯзи овоздиҳӣ аз соати 06-00 то 20-00 гузаронида мешавад.

2. Комиссияи ҳавзавии интихобот вақт ва ҷои овоздиҳиро 5 рӯз пеш аз рӯзи овоздиҳӣ ба интихобкунандагон хабар медиҳад.

**Моддаи 40. Ташкил ва тартиби овоздиҳӣ**

1. Интихобкунандагон дар биноҳои махсусе овоз медиҳанд, ки дар ***онҳо*** ҳуҷраҳо ва дигар ҷойҳои махсус барои овоздиҳии пинҳонӣ таҷҳизонида шудаанд. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. Раиси комиссияи ҳавзавии интихобот рӯзи интихобот пеш аз оғози овоздиҳӣ дар ҳузури ҳамаи аъзои комиссия қуттиҳои овоздиҳиро аз назар гузаронида, онҳоро мӯҳр мегузорад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

3. Ҳар интихобкунанда шахсан худаш овоз медиҳад. Ба ҷои шахси дигар овоз додан манъ аст. Додани зиёда аз як бюллетен ба интихобкунанда манъ аст. Бюллетенҳои интихобот ба интихобкунандагон барои комиссияи ҳавзавии интихобот дар асоси рӯйхати интихобкунандагони ҳавзаи интихобот баъди пешниҳоди шиноснома ё ҳуҷҷати дигари тасдиқкунандаи шахсияти интихобкунанда дода мешавад. ***Ҳар интихобкунанда бюллетени интихоботро гирифта, дар рӯйхати интихобкунандагон дар муқобили насаб, ном ва номи падари худ имзо мегузорад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***4. Овоздиҳанда бюллетени интихоботро дар ҳуҷраи овоздиҳии пинҳонӣ пур мекунад. Ҳангоми пур кардани бюллетен ғайр аз овоздиҳанда ҳузур доштани шахси дигар манъ аст. Интихобкунандае, ки бюллетенро мустақилона пур карда наметавонад, ҳуқуқ дорад ба ҳуҷраи овоздиҳӣ бо салоҳдиди худ каси дигарро ғайр аз аъзои комиссияи ҳавзавии интихобот, номзад ба вакили Ҷамоат, мушоҳидони миллӣ ва байналмилалӣ ва намояндагони воситаҳои ахбори омма даъват намояд.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***5. Интихобкунандае, ки ба рӯйхати интихобкунандагон дохил карда нашудааст, дар асоси шиноснома ё ҳуҷҷати дигаре, ки шахсияти ӯро тасдиқ менамояд, ба рӯйхати иловагии интихобкунандагон дохил карда мешавад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***6.*** Ҳар як интихобкунанда ба тарафдории як номзад овоз медиҳад. Бюллетенҳое, ки дар онҳо ба тарафдории ду ва ё зиёда номзадҳо ё ба ягон номзад овоз дода нашудааст, беэътибор дониста мешаванд. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***7.*** Қуттиҳои овоздиҳӣ аз тарафи комиссияи ҳавзавии интихобот дар ҳузури ҳамаи аъзои он баъди аз тарафи раиси комиссия тамомшуда эълон гардидани овоздиҳӣ кушода мешаванд. Кушодани қуттиҳои овоздиҳӣ то пурра ба итмом расидани вақти овоздиҳӣ манъ аст. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***8.*** Натиҷаи ҳисоби овозҳо дар маҷлиси комиссияи ҳавзавии интихобот баррасӣ гардида, ба протокол дохил карда мешавад, ки ба он раис, котиб ва аъзои комиссия имзо мегузоранд. Протокол ба комиссияи интихоботи Ҷамоат пешниҳод карда мешавад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***9.*** Номзаде ба вакилии Ҷамоат интихобгардида дониста мешавад, ки дар интихобот аз 50 фоиз зиёди овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккардаро гирифтааст. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

***10.*** Комиссияи ҳавзавии интихобот аз сабаби дар рафти интихобот ё ҳангоми ҳисобкунии овозҳо роҳ додан ба вайрон карда шудани Қонуни мазкур метавонад интихоботро беэътибор ҳисобад. **(ҚҶТ аз 30.05.17с.,**

**№1431)**

***11.*** Интихобот барпонашуда дониста мешавад, агар дар он камтар аз 50 фоизи интихобкунандагони ба рӯйхати интихобкунандагон дохилшуда иштирок карда бошанд. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 41. Овоздиҳӣ ва интихоботи такрорӣ**

1. Агар дар ҳавзаи интихоботӣ номзадии беш аз ду нафар барои вакил шудан ба овоз монда шуда бошад ва ҳеҷ яке аз онҳо интихоб нагардида бошад, комиссияи ҳавзавии интихобот дар хусуси ***гузаронидани*** овоздиҳии такрорӣ дар ҳавза оид ба ду номзад ба вакилӣ, ки овозҳои бештарро гирифтаанд, қарор қабул менамояд. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

2. Овоздиҳии такрорӣ дар ҳавзаи интихоботӣ дар мӯҳлати на дертар аз ду ҳафта, бо риояи талаботи Қонуни мазкур, дар ҳамон ҳавзаи интихоботӣ гузаронида мешавад. Ҳангоми овоздиҳии такрорӣ номзаде интихобшуда ҳисобида мешавад, ки овозҳои бештари интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштироккнамударо соҳиб шудааст. Агар ҳангоми овоздиҳии такрорӣ яке аз номзадҳо бо ягон сабаб хориҷ шавад, овоздиҳӣ барои як номзад гузаронида мешавад. Дар ин сурат ба номзад барои вакили Ҷамоат шудан зарур аст, ки зиёда аз нисфи овозҳои интихобкунандагони дар овоздиҳӣ иштирокдоштаро гирад.

*3. Агар дар ҳавзаи интихобот номзадии на бештар аз ду кас барои вакил шудан ба овоз монда шуда, ҳеч яке аз онҳо интихоб нагардида бошанд ё интихобот дар хавзаи интихобот барпонашуда ё беэътибор дониста шуда бошад ва ё овоздиҳии такрорӣ имкон надода бошад, ки вакили интихобшуда муайян гардад, комиссияи интихоботи Ҷамоат дар ни ҳавзаи интихобот интихоботи такрорӣ мегузаронад. Дар ин холат он метавонад дар бораи гузаронидани интихоботи такрорӣ ва ташкили комиссияи ҳавзавӣ дар ҳайати нав қарор қабул намояд. Овоздиҳӣ дар ҳамон хавзаи интихобот мувофиқи руйхати интнхобкунандагон, ки барои интихоботи асоси тартиб дода шуда буд, гузаронида мешавад.*

*4. Интихоботи такрорӣ дар мухлати на дертар аз ду моҳ баъд аз интихоботи асосӣ гузаронида мешавад. Таъсиси комиссияи интихобот, бақайдгирии номзадҳо ба вакили ва чорабиниҳои дигар мувофики тартиби мукаррарнамудаи Қонуни мазкур сурат мегиранд.* **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827)**

***Моддан 41[1]. Гузаронидани интихоботи вакилон ба ивази вакилони хорҷшуда***

*1. Дар сурати аз ҷониби маҷлиси дахлдори Ҷамоат беэътибор дониста шудани ваколатҳои вакилони алоҳида, бо сабабҳои дигар пеш аз* ***мухлат*** *катъ гардидани ваколатҳои вакилон, дар хавзаи дахлдори интихоботи дар* ***мухлати*** *ду моҳи баъд аз лаҳзаи хориҷ шудани вакил интихоботи нав гузаронида мешавад. Интихобот аз тарафи маҷлиси дахлдори Ҷамоат на дертар аз як моҳи пеш аз гузароннданн он* ***таъйин*** *гардида, бо риояи талаботи Қонуни мазкур ташкил карда мешавад.* **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

*2. Дар сурати камтар аз як сол қабл аз ба охир расидани* ***мухлати*** *ваколатхои маҷлиси дахлдори Ҷамоат хориҷ шудани вакил интихоботи вакили дигар ба ивази вакили хориҷ шуда гузаронида памешавад.* **(ҚҶТ аз 16.04.12с., №827; (ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 42. Бақайдгирии вакилони Ҷамоат**

Комиссияи интихоботи Ҷамоат дар асоси протоколҳои комиссияҳои ҳавзавии интихобот вакилони интихобшударо ба қайд мегирад ва рӯйхати онҳоро тартиб дода, дар муддати на дертар аз 3 рӯзи баъди интихобот ба Ҷамоат пешниҳод намуда, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва аҳолии шаҳрак ва деҳот хабар медиҳад. ***Ба вакили Ҷамоат шаҳодатномаи вакилӣ ва нишони сарисинагӣ дода мешавад.*** **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

## БОБИ 5.
## МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ ВА ИНТИҚОЛӢ

**Моддаи 43. Шикоят намудан нисбати санадҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот**

1. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ метавонанд тибқи тартиби муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба санадҳои мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ба суд шикоят намоянд.

2. Санадҳои Ҷамоат, ки аз рӯи он прокурор эътироз овардааст, дар маҷлиси Ҷамоат баррасӣ карда мешаванд.

3. Санадҳои ***Шӯрои*** Ҷамоат, ки ба онҳо прокурор эътироз овардааст, аз ҷониби ***Шӯрои*** Ҷамоат баррасӣ

карда мешаванд. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

4. Санадҳои раиси Ҷамоат, ки оид ба онҳо прокурор эътироз овардаст, аз ҷониби раис баррасӣ карда мешаванд.

5. Дар сурати қонеъ нагардидани эътироз, прокурор метавонад нисбати санадҳои ***Шӯрои*** Ҷамоат ва раиси Ҷамоат ба Ҷамоат муроҷиат намояд. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

6. Ҳангоми қонеъ нагардидани эътирозҳои зикргардида прокурор метавонад ба суд муроҷиат намояд.

**Моддаи 44. Ҷавобгарӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои вайрон кардани Қонуни мазкур мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 45. Муқаррароти интиқолӣ**

1. Муқаррароти Қонуни мазкур дар қисми интихоботи вакилони Ҷамоат аз соли 2010 ва қабули буҷети шаҳрак ва деҳот аз соли 2011 оғоз меёбад.

2. **Ваколатҳои** пешбининамудаи Қонуни мазкурро мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот то интихоботи Ҷамоати нав амалӣ мекунад. Ваколатҳои ***Шӯрои*** Ҷамоатро то интихоби аъзои он раиси Ҷамоат амалӣ менамояд. **(ҚҶТ аз 30.05.17с., №1431)**

**Моддаи 46. Аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 1994 «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» (Ахбори Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 1994, № 23–24, мод. 450; Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, № 6, мод. 468, 470) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 47. Мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

**Президенти**
**Ҷумҳурии Тоҷикистон** **Эмомалӣ Раҳмон**

ш. Душанбе,
5 августи соли 2009,
№ 549